Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №121 (4861) | ПАНҶШАНБЕ, 10 ОКТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РОССИЯ

7-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия сафар карданд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

7-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Москваи Федератсияи Россия шуданд.

Дар Фурудгоҳи «Внуково-2»-и шаҳри Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагони воломақоми Федератсияи Россия самимона пазироӣ карданд.

8-уми октябри соли 2024 дар шаҳри Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шурои сарони кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ҷаласа вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод баррасӣ гардид.

Аз 1 январи соли 2025 раёсат дар ИДМ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад ва аз ин рӯ, Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни суханронии худ ба муаррифии авлавиятҳои раёсати Тоҷикистон дар Иттиҳод таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Зимнан, таъкид гардид, ки яке аз авлавиятҳои асосии раёсати мо ба роҳ мондани муҳокима оид ба беҳсозии фаъолияти ИДМ хоҳад буд. Сарвари давлати мо, инчунин, таъкид карданд, ки дар ҷанбаи сиёсӣ кор барои пешбурди обрӯи мусбати ИДМ дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун иттиҳодияи минтақавӣ идома хоҳад ёфт. Таъкид гардид, ки ба пешбурди рӯзномаи иқтисодӣ, экологӣ ва фарҳангию гуманитарӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки дар рафти раёсати мо таҷлили 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавқеи махсус хоҳад дошт.

Рушди ҳамкории парлумонӣ низ аз авлавиятҳои муҳим номида шуд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дар соҳаи амният ба таҳкими ҳамкории амалӣ дар мубориза бо хавфу хатарҳои амниятӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир хоҳад шуд.

Дар фароварди суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки қарорҳои дар ҷаласаи имрӯза қабулшуда ба ҳамкории бисёрҷониба дар тамоми самтҳои ҳамёрӣ такон мебахшад.

Аз рӯи натиҷаҳои нишасти навбатӣ аз ҷониби сарони давлатҳо як қатор қарорҳо ба имзо расид.

www.prezident.tj

МУҲАММАД БОҚИРИ ҚОЛИБОФ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

10-уми октябри соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Маҷлиси Шурои исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибофро дар доираи сафари расмиашон ба Тоҷикистон ба ҳузур пазируфтанд.



Дар мулоқот масоили муносибатҳои Тоҷикистону Эрон бо шумули робитаҳои байнипарлумонии ҳар ду кишвар баррасӣ гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғоз изҳор доштанд, ки «мо кишвари дӯсту бародари Эронро шарики муҳими худ дар минтақа арзёбӣ мекунем».

Нақши парлумонҳои ҳар ду кишвар дар рушду тавсеаи равобити Тоҷикистону Эрон дар ҳавзаҳои мухталиф мах-сус таъкид гардид. Дар ин зимн ҷонибҳо хостори идомаи муколамаи созандаи парлумонӣ ва тақвияти бештари фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ шуданд.

Таъкид гардид, ки тавсеаи ҳамкорӣ дар бахшҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, саноат, энергетика, нақлиёту транзит, кишоварзӣ ва дорусозӣ ба манфиати ҳар ду кишвар хидмат менамояд.

Густариши ҳамкории фарҳангӣ ва ҳифзи арзишҳои муштарак аз вазифаҳои дигари парлумонҳо дониста шуд.

Ҷонибҳо нақши ҳамкории байнипарлумониро, ҳамчунин, дар пойдории сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон ниҳоят муҳим арзёбӣ намуданд.

www.prezident.tj

МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МУҲАММАД БОҚИРИ ҚОЛИБОФ

10-уми октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе мулоқоти хосаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд, баргузор гардид.

Зимни суҳбат ҷонибҳо масъалаҳои рушду тавсеаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, аз ҷумла робитаҳои судманди байнипарламентиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҷиҳати таҳкими минбаъдаи муносибатҳои ҳар ду кишвар тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Эрон дар самтҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо зарур дониста шуд. Ҳамчунин, дар вохӯрӣ доир ба масъалаҳои мубрами амнияту бехатарӣ дар минтақа ва ҷаҳон мубодилаи афкор сурат гирифт.

www.majmilli.tj

Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

ТАҲЛИЛИ РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ ҚОНУНӢ ШУД

Нуҳуми октябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.

РАИС: - Вакилони арҷманд!

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини якуми фармондеҳ – сардори Сарситоди қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродалӣ Рачабзода, муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозим Иброҳимзода, муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиқ Раҳимзода, муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадҷон Соҳибзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!

Ба рӯзномаи ҷаласа 11 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

1. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II)

2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»

3. Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо

4. Дар хусуси Протокол байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ»

5. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002

6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»

7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»

8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ»

9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»

10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)»

11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ».

РАИС: - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II)» сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

Юсуф МАҶИДӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II), ки 20-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад. Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 86 млн. доллари амрикоиро ташкил намуда, аз ҳисоби қарзи Бонки исломии рушд ба маблағи 45,0 млн. доллари амрикоӣ, гранти Фонди шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот ба маблағи 25,0 млн. доллари амрикоӣ ва қарзи Хазинаи ОПЕК ба маблағи 8 млн. доллари амрикоӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Инчунин, дар лоиҳаи мазкур саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми то 8,0 млн. доллари амрикоӣ пешбинӣ гардидааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ ҚОНУНӢ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

Лоиҳа барои дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф, ки таъмини таҳсилоти босифати фарогиру одилона ва пешбурди имконияткои омӯзиш барои ҳамаро дар бар мегирад, равона мегардад.

Лоиҳа аз қисматҳои такмилдиҳии муҳити таълим тавассути сохтмони 53 мактаб ва муҷаҳҳазонидани онҳо бо мебели мувофиқ дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инфрасохтори рақамӣ, таҷҳизоти лабораторӣ ва маводҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои таълимӣ, дастгирии татбиқи лоиҳа, хизматрасонии аудити молиявӣ, қисмати вокуниш ба ҳолати фавқулода бо арзиши сифрӣ иборат мебошад. Маблағҳои Хазинаи ОПЕК пурра барои сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ равона карда мешавад.

Қарзи мазкур бо шартҳои зерин пешниҳод гардидааст:

- муҳлати қарз - 20 сол, даврои имтиёзнок - 5 сол, меъёри фоизи солона -1,5 фоиз.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2029 ба нақша гирифта шудааст. Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

РАИС: - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II) 20 декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсаду ҳадафи созишнома ин дастгирии кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф, таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона, пешбурди имконияткои омӯзиш барои ҳама, ҳамзамон, беҳтар намудани муҳити таълим ва мусоидат намудан ба таҳкими татбиқи низоми таҳсилоти фарогир ва салоҳиятнок ҷиҳати беҳтар намудани натиҷаҳои омӯзиш дар Тоҷикистон мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II)» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

Юсуф МАҶИДӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» дар асоси Созишномаи сармоягузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ширкати «RexGen Co.Ltd»-и Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ оид ба амалишавии лоиҳаи «Низоми зеҳнии сабти аксу видеоии қоидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ, дар нуқтаҳои истгоҳи нақлиёти маршрутӣ ва хатҳои махсуси ҳаракати воситаҳои нақлиёти маршрутӣ пешбинишуда тавассути воситаҳои махсуси низоми худидоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар кӯчаву роҳҳои автомобилгарди шаҳри Душанбе» таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида ба моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» қисми 5 илова гардида, мутобиқи он дар доираи созишномаи мазкур маблағи ҷаримаҳо барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар давраи амали созишнома ба суратҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе интиқол дода мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

Фозил ОБИДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Тибқи талаботи Созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ширкати кореягӣ маблағи ҷаримаҳо барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз лоиҳаи «Низоми зеҳнии сабти аксу видеоии қоидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ дар нуқтаҳои истгоҳи нақлиёти маршрутӣ ва хатҳои махсуси ҳаракати воситаҳои нақлиёти маршрутӣ пешбинишуда тавассути воситаҳои махсуси низоми худидоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар кӯчаву роҳҳои автомобилгарди шаҳри Душанбе» дар давраи амали созишнома ба суратҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе гузаронда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим дода мешавад. Марҳамат.

Азим ИБРОҲИМ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Тавре иттилоъ доред, зимни сафари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Италия 24 апрели соли 2024 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо ба имзо расид.

Ёдовар бояд шуд, ки созишномаи мазкур ҷиҳати васеъ намудани ҷуғрофияи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, ба ин васила баланд бардоштани иқтидори боркашониҳои байналмилалии автомобилӣ ва транзитӣ ва бо мақсади расидан ба ҳадафи стратегии пешгузоштаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат саҳми арзанда гузошт. Матни лоиҳаи созишномаи мазкур тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардидааст. Санади мазкур бо мақсади рушди тиҷорат, ҳамлу нақли байналмилалии бор бо истифода аз намудҳои гуногуни нақлиёт, зиёд намудани гардиши молу маҳсулот ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид дар ин самт таҳия гардидааст. Бо назардошти он ки имрӯзҳо масъалаи зиёд намудани ҳаҷми боркашонии байналмилалӣ ва истифодабарии пурраи иқтидори транзитии кишвар, ташкили ҳамлу нақли мултимодалӣ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ва соҳа ба ҳисоб меравад, тасдиқи созишномаи мазкур барои татбиқи амалиҳои ҳадафҳо дар ин самт мусоидат хоҳад намуд.

Тасдиқи созишномаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони иловагиро барои дастрасӣ ба бандарҳои баҳрии кишварҳои аврупоӣ таъмин намуда, бо истифода аз ҳамлу нақли омехта (мултимодалӣ) имкониятҳои хуб барои рушди тиҷорат, транзит ва ҳамлу нақли борро барои интиқолдиҳандагони ватанӣ фароҳам хоҳад оврад. Аз ин рӯ, бо мақсади истифодабарии иқтидорҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани гардиши мол байни Тоҷикистон ва Италия, инчунин, фароҳам овардани шароитҳои мусоид, аз ҷумла роҳандозӣ намудани интиқоли мултимодалӣ, тасдиқи Созишнома оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

РАИС: - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Неъматулло Холбойзода дода мешавад. Марҳамат.

Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо 24 апрели соли 2024 зимни сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Италия дар шаҳри Рим ба имзо расидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.

Амалишавии созишнома ба васеъ намудани ҷуғрофияи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани иқтидори боркашониҳои байналмилалии автомобилӣ ва транзитӣ равона гардида, бобати аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат саҳми арзанда гузошта, боиси баланд гардидани сатҳи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хоҳад гашт. Тазаккур бояд дод, ки ба имзо расидани созишномаи мазкур ҳам ба манфиати интиқолдиҳандагони ватанӣ ва ҳам интиқолдиҳандагони Ҷумҳурии Италия арзёбӣ гардида, имконияти истифодаи долонҳои транзитии кишварро васеъ менамояд.

Ҷалби бештари воситаҳои нақлиёт ҷиҳати истифодаи самараноки долонҳои нақлиётӣ, ки бо ташаббус ва кору пайкори беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ таҷдиду навсозӣ гардидааанд, иқтидори транзитии кишварро баланд бардошта, аз ин ҳисоб ба ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Илова ба ин, дар самти ҳамлу нақли автомобилӣ бо Ҷумҳурии Италия то ҳол заминаи ҳуқуқӣ ба тасвиб расонида нашудааст ва созишномаи баррасишаванда хусусияти соҳавиро касб намуда, зарурати ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ворид намудани тағйиру иловаҳоро тақозо наменамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд. Созишнома ба моддаи 57 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳоро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Протокол байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозим Иброҳимзода дода мешавад. Марҳамат.

Нозим ИБРОҲИМЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Протокол байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва пешниҳод шудааст.

Протоколи мазкур бо мақсади мустаҳкам намудан ва инкишоф додани ҳамкориҳои дуҷониба, таҳкими бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин, дар асоси Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати бехатарии ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 27 майи соли 2002 таҳия гардидааст. Ҳамзамон, дар протокол ҷиҳати таъмини бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» дар фаъолияти муштарак зарурати ба роҳ мондани механизми табдилии иттилоот оид ба масъалаҳои таъмини амнияти иншоотҳо вобаста ба сари вақт пешниҳод намудани маълумот ҷиҳати тафтиши иттилоот дар бораи таҳдид пешбинӣ гардидааст. Дар ин ҷода дар асоси тавофуқот дар самти муқовимат ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳое, ки ба иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» нигаронида шудаанд, чораҳои муштарак андешида мешавад.

Пешниҳоди иттилоот ё дархост дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда шуда, дар ҳолатҳои таъхирнопазир дархостҳо метавонанд бо истифода аз воситаҳои техникии алоқа ё ба таври шифоҳӣ ирсол карда шаванд. Агар дархост ба амнияти миллӣ ё дигар манфиатҳои муҳими тарафи дархостшаванда зарар расонад ва мухолифи қонунгузории миллӣ ё ҳуҷдадориҳои байналмилалӣ бошад, дар доираи протоколи мазкур иҷрои он пурра ё қисман рад карда мешавад.

Протоколи мазкур ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқи протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Бибиосия Аюбӣ дода мешавад. Марҳамат.

Бибиосия АЮБӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Протокол байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» 5 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Протоколи мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон аз 7 октябри соли 2024 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои хулоса ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

Протоколи мазкур аз 2 банд иборат буда, ба густариш ёфтани ҳамкориҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин вобаста ба таъмини амнияти иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ», инчунин, ба таъмини амнияти, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ҳар ду кишвар нигаронида шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон протоколи зикршударо баррасӣ ва бо пешниҳоди хулоса ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният 8 октябри соли 2024 масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода, протоколи мазкур аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа ҷонибдорӣ карда шуд.

Протоколи зикршуда ба талаботи моддаи 57 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи амният» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими бехатарии иншоотҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми фармондеҳ - сардори Сарситоди қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродалӣ Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

Муродалӣ РАҶАБЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!

Дар асоси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002 дар Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон 17 гузаргоҳи сарҳади давлатӣ - нуҳ гузаргоҳи сарҳади давлатии мақоми байналмилалӣ, ҳашт гузаргоҳи сарҳади давлатии мақоми дуҷониба фаъолият доранд. Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муҳайё намудани шароити мусоид дар ҳамлу нақли байналмилалии нақлиётӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар, хусусан, барои ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ, гардиши молу маҳсулот ва дурнамои робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо давлатҳои хориҷи дуру наздик зиёд намудани гузаргоҳҳои мақоми байналмилалидоштаро зарур шуморида, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намуд, ки мақоми гузаргоҳҳои сарҳади давлатии «Зафаробод» ва «Ҳаштяк» дар вилояти Суғд аз мақоми «дуҷониба» ба «байналмилалӣ» иваз карда шавад. Пешниҳоди мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳои дахлдори кишвар ирсол гардида, хулосаҳо нисбат ба тағйир додани мақоми гузаргоҳҳои сарҳадии мазкур мусбат мебошад. Дар ин асно, лоиҳаи Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба бандҳои 11 ва 14-и замимаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва мувофиқаи он бо ҷониби ӯзбекистонӣ тибқи тартиби муқарраргардида анҷом дода шуд.

Қӯшунҳои сарҳадӣ хулоса ва пешниҳодҳои вазорату идораҳои кишварро нисбат ба лоиҳаи такмилёфта ҷамъоварӣ намуда, тибқи дастури Ҳукумати кишвар, дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон розигии Ҷумҳурии Ӯзбекистон нисбати лоиҳаи такмилёфта оид ба иваз намудани гузаргоҳҳои сарҳадии «Зафаробод-Хавасобод» ва «Ҳаштяк-Бекобод» гирифта шуд.

Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмиёти дохилидавлатии ҳуҷҷатҳои дахлдорро гузаронида, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намуд.

Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002» ва Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002» бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардид. Протоколи мазкур ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

(Давомаш дар саҳ. 3)

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ ҚОНУНӢ ШУД

(Идома аз саҳ. 2)

РАИС: - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Фазлиддин Икромӣ дода мешавад. Марҳамат.

Фазлиддин ИКРОМӢ:

- **Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002, ки 18 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Протоколи мазкур тибқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2024 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 8 октябри соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод.

Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002 ба талаботи моддаи 57 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиқ Раҳимзода дода мешавад. Марҳамат.

Лоиқ РАҲИМЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Аз фурсати муносиб истифода бурда барои ҳамкорӣ дар такмили қонунгузории соҳа ва дастгирии ҳамешагӣ ба Шумо - муҳтарам Раис ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос менамоям.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» бо мақсади таъмини иҷрои супориши банди 100 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми январи соли 2024 таҳти №1 таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни таҳиягардида имкон медиҳад, ки назорати давлатии дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» пешбинишуда вобаста ба муқаррар кардани тартиби ҷуброни зарар барои ифлос кардани муҳити зист бо партовҳо, истихроҷи ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки маъмули умум, барои зиёда аз меъёр партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, об ва худсарона бурриши дарахту буттаҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишин, заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, захираҳои давлатӣ ва кишоварзӣ ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд тақвият дода, пурзӯр карда шаванд. Бо назардошти ин, аз шумо – вакилони гиромӣ хоҳишмандам, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»-ро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад. Марҳамат.

Рустам ЛАТИФЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии шаҳрвандон, беҳтар намудани вазъи экологии кишвар дар шароити тағйирёбии иқлим, тақвияти назорати давлатӣ дар бахши муомилот бо партовҳо ва ҳифзи олами наботот мебошад.

Тағйиру иловаҳо, асосан дар моддаи 9 сархатҳои даҳум ва ҳаждаҳум, қисми 2 моддаи 10 ва моддаи 77 қонуни амалкунанда пешбинӣ шуда, тибқи онҳо аз ҷумла, муқаррарот оид ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вобаста ба амалҳои додани иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва дар ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкили нуқтаҳои мувоққатии ҷамъоварии партовҳо ва бунёди партовгоҳҳо барои безараргардонии онҳо дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин пешбинӣ гардидаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти заруриро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, ҳамаи кумитаҳо дар хулосаҳо ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, онро ҷонибдорӣ кардаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳишмандам барои қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Абдуҷаббор Умарзода дода мешавад. Марҳамат.

Абдуҷаббор УМАРЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат вакилон ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоҳиён Зарифхӯҷа ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Идизода Файзалӣ, Ҳакимзода Шариф, Файзуллозода Зафар, Азиззода Ғайрат, Сафарзода Зайнуддин ва Шодиён Муҳаммад таҳия шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқгардонии қонуни амалкунанда ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи дурусти истилоҳоти ҷавобгӯи талаботи муосир, рионои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ, инчунин, бартараф намудани ихтилофот ва номутобиқатии меъёрҳои танзимкунанда пешниҳод шудааст. Бо мақсади мутобиқгардонии матни қонуни мазкур бо мазмуни Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонун)» хориҷ карда шудааст. Инчунин, барои рионои услуби расмии забони адабии давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифатҳо дар истифодаи калимаҳои норавшан дар лоиҳаи қонун таҳрирҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин 19-уми сентябри соли ҷорӣ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеъ лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ намуда, қабули онро ҷонибдорӣ намуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мирзоанвар Ахмедов дода мешавад. Марҳамат.

Мирзоанвар АХМЕДОВ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Латифзода, М. Ахмедов ва Ф. Қосимӣ таҳия гардидааст, пешниҳод карда мешавад.

Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқ гардондани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, бо мақсади мутобиқ сохтан ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 18, қисмҳои 1, 3 ва 4 моддаи 19 калимаи «маҳалии» ба калимаҳои «иҷроияи маҳаллии» иваз карда шудаанд. Инчунин, ба қисми 2 моддаи 6 сархати дуюм ва моддаи 24[1]. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ илова ва қисми 1 моддаи 19 дар таҳрири нав ифода гардидааст.

Барои бо як маъно ва мантиқан дуруст ифода намудани мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда хориҷ намудани сархати панҷуми моддаи 6, дар сархатҳои сенздаҳуми қисми 1 ва сеюми қисми 3 ҳамин модда иваз намудани калимаҳои «мақомоти бонкӣ оид ба қатъи» ва калимаҳои «ташкилотҳо ва ҳаракатҳои» мувофиқан ба калимаҳои «ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба боздошти» ва «иттиҳодияҳои» пешбинӣ шудаанд.

Барои рионои услуби расмии забони адабии давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифатҳо дар истифодаи калимаҳои норавшан дар лоиҳаи қонун таҳрирҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохиливо тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаи ҳуқуқӣ лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо- вакилони муҳтарам хоҳишмандам, ки лоиҳаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадҷон Соҳибзода дода мешавад. Марҳамат.

Муҳаммадҷон СОҲИБЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 2 модда ва 12 қисм иборат аст.

Қобили зикр аст, ки 24 декабри соли 2022 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар заминаи меъёрҳои кодекси мазкур марҳила ба марҳила зарурати такмили қонунгузории маданӣ ҷой дорад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи мазкур бо мақсади мутобиқ намудан ва такмили меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти Кодекси маданӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин, ҷиҳати истифодаи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, бартараф намудани номутобиқатии байниҳамдигарии меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳа таҳия гардидааст. Ҳамзамон, дар лоиҳа муқаддима ва доираи амали қонуни мазкур пурра такмил дода шуда, шакли шартнома, ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектҳои муносибатҳои иҷораи молиявӣ мушаххас танзим гардидааст, ки минбаъд ҷиҳати татбиқи пурраи қонуни мазкур мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо- вакилони муҳтарам хоҳишмандам, ки лоиҳаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст?

Ба ҳамаи шумо барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум».
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ

Комрон ИСМОИЛИЁН:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. Амонулло, Н. Холбойзода, М. Маҳмудзода ва К. Исмоилиён дар асоси нақшаи корӣ дар самти ташаббуси қонунгузорӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тағйиру иловаҳои пешниҳодшаванда хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, барои мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», бартараф намудани мухолифату норасоиҳои дохилимеъёрӣ ва риояи қоидаҳои имло равона карда шудаанд. Бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдоштаи дохилимеъёрӣ тибқи сархатҳои якум ва сеюми қисми 1, сархати дуюми қисми 4, сархати дуюми қисми 5, қисмҳои 6 ва 11 лоиҳаи қонун пешниҳод мегардад, ки сархатҳои чорум ва шашуми моддаи 2, сархати ҳафтуми моддаи 6, сархати чоруми моддаи 7, қисми 1 моддаи 8 ва матни моддаи 16 бо риояи қоидаҳои имло ва техникаи қонунэҷодкунӣ меъёрҳои танзимкунандаи соҳа мавриди таҳрир қарор дода шаванд. Ҳамзамон, баҳри беҳтар намудани фаъолияти Хадамоти алоқаи фелдегерӣ дар таъмини фаврият ва амнияти дастраснамоии муросилоту ҳуҷҷатҳои техникӣ, бор ва намунаҳои маснуоти саноатӣ тибқи сархати дуюми қисми 1, қисми 3, сархати якуми қисми 4, сархати якуми қисми 5, қисмҳои 7-10 лоиҳа пешниҳод мегардад, ки дар сархати панҷуми моддаи 2, сархати дуюми қисми 1 моддаи 4, сархати сеюми моддаи 6, сархати дуюми моддаи 7, қисми 1 моддаи 8, матни моддаи 9, қисми 4 моддаи 13, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 14, сархати якуми қисми 1 моддаи 15 тағйироти дахлдор ворид карда шаванд.

Кумитаи масъул 2 октябри соли равон дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, намояндагони ҳамаи кумитаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати мамлакат лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, қабул намудани онро бо инобати хулосаҳои пешниҳодгардида маъқул донист. Тағйироти воридгардида лоиҳаи қонунро мукаммал намуда, ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», дигар санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ гардонида шудааст ва қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст?

Ба ҳамаи шумо барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум».
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ

ҚАРОРИ
РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз 5 сентябри соли 2024, №619
Дар бораи аз эътибор соқит донистани қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 5 феврали соли 2009, №39 160.050.050.

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 5 феврали соли 2009, №39 «Дар бораи таъмини ҳаракати бехатарии нақлиёти автомобилии мусофиркаш ва танзими онҳо дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми шаҳри Душанбе», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2009, №518 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

2. Қарори мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Раиси шаҳри Душанбе - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Рустами ЭМОМАЛӢ



Розҳои Ҳошим Ғадо

Моро касе надонист, мо ҳам касеро надонистем. Онҳо моро нашинохтанд, мо ҳам онҳоро.

Оқибат вақте ҳамдигарро ёфтанд, ки дар гӯр шуданд.

***

Инсон дар роҳи камол ҳамвора қадам мезанад. Роҳи шинохтани камол тӯлонист ва натиҷаи омӯзишу санҷишҳои зиёд аст.

***

Ҳар кӣ падару модари хешро носипосӣ мекунад ва қиблагоҳи худро зери борони таҳқир мегузорад, ба бадбахтию сахтиҳо рӯ ба рӯ ва чароғаш дар торикии зулмот хомӯш мешавад.

***

Ирода сабаби озодист ва хоста офаридан аст.

***

Эй инсонҳо! Чаро шумо аз ҷаҳон малулед? Чун ҷуръати дар киштии марг савор шудан надоред, пас малулии шумо гуноҳи бузург аст. Кӯшед, ки тӯли зиндагӣ аз ҷаҳон безор набошед. Барои хотима ёфтани зиндагӣ ҳам шуҷоати беназир лозим аст.

***

Душманонро дӯст доред, аммо нерую тавони хешро барои душманони лоиқтар ҳифз кунед.

***

Зилзила чашмаҳои навро падид оварад. Дар ҷаҳони ҳунар ҳам зилзилаҳое рух медиҳанд, ки боиси пайдоиши чашмаҳои навини ҳунар хоҳанд шуд.

***

Озодӣ муҳаббати бузург аст ва аз баракати он башар метавонад худу ҷаҳонро тағйир диҳад.

***

Залилтарин аҳвоми ҷаҳон ононеанд, ки ояндабин нестанд.

***

Оинаи руҳ ақл аст.

***

Миллат бе ваҳдати маънавӣ миллат нест.

***

Он ки ба касе ҳукм мекунад, худ низ маҳкум мешавад.

***

Аз ҳунарвари козиб ҳазар.

***

Бадтарин бадӣ дар дарун аст ва одам аз дарун палид шавад.

***

Бадтарин подоши устод ин аст, ки шогирдонаш то абад шогирд монанд.

Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ҒАДО

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	№	Ташкилоти харидор	Мавзуи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқдори номгӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	425248	Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе	Таъмири ҷорӣ дар бинои МД «Марказии дарёфт ва рушди истеъдодҳо»	Озмуни кушод	Кор	1	15.10.2024 10:30:00
2	425245	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №13-и шаҳри Хуҷанд»	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	5	25.10.2024 15:55:35
3	425247	Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	52	25.10.2024 16:25:35
4	425249	Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе»	Сохтмони бинои акватерариум (морхона) (идомаи корҳои сохтмонӣ)	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 09:00:00
5	425251	Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Сохтмони бинои маъмурии раёсати ҳифзи муҳити зист дар минтақаи Кӯлоббудаи вилояти Хатлон	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 09:00:00
6	425252	Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон»	Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон»	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 09:05:00
7	425253	Шуъбаи хоҷагии коммуналии манзилии ноҳияи Исмоили Сомонӣ	Таъмири майдончаи варзишии №1 ва бозии кӯдакона дар кӯчаи Хӯҷамбиёи боло дар назди бинои маҳаллаи 82-и ноҳияи И. Сомонӣ	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 09:15:00
8	425254	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №114»	Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №114»	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 09:30:00
9	425255	Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	Пиёзаки гули лола ва ниҳоли гулҳои мавсимӣ	Озмуни кушод	Мол	3	28.10.2024 10:40:17
10	425256	Муассисаи давлатии «Марказии ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ»	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	16	28.10.2024 11:30:00
11	425257	Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров	Камераи дезинфексионӣ	Озмуни кушод	Мол	1	28.10.2024 11:40:35
12	425250	Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Бӯстон	Идомаи таъмири бинои шуъбаи осебшиносии Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 13:00:00
13	425258	Донишгоҳи миллии Тоҷикистон	Сохтмони партовгоҳ дар назди бинои хобгоҳҳои рақамҳои 6 ва 8, воқеъ дар шаҳраки Буни Ҳисорак	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 14:30:00
14	425259	Донишгоҳи миллии Тоҷикистон	Таъмири деворҳо, шифтҳо ва фаршҳо бо насби кондитсионер дар утоқи кории шуъбаи кадрҳо, воқеъ дар шаҳраки Буни Ҳисорак	Озмуни кушод	Кор	1	28.10.2024 14:40:00
15	425260	Мактаби таҳсилоти умумии асосии № 15-и ноҳияи Вахш	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	27	28.10.2024 14:55:20

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

Суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ВЫБОРЕ СПЕЦИАЛИСТА ПО МОНИТОРИНГУ И ОЦЕНКЕ

Организация: Государственное учреждение «Группа управления проектами развития муниципальной инфраструктуры» (MID PMU)
Проект: Проект сельского водоснабжения и санитарии, Республика Таджикистан (ПСВС)
Должность: Специалист по мониторингу и оценке
Страна: Республика Таджикистан
Грант №: D 4310-TJ
Выпущено: 08 октября 2024 г.

1. ВВЕДЕНИЕ

Правительство Таджикистана обратилось во Всемирный банк с просьбой поддержать усилия Правительства по решению проблем сектора и в настоящее время готовит проект по сельскому водоснабжению и санитарии. Цели развития проекта (ЦРП) - помочь Правительству Таджикистана: (i) укрепить потенциал институтов в секторе водоснабжения и санитарии и (ii) улучшить доступ к услугам водоснабжения и санитарии в отдельных регионах. Предварительные местоположения проектной территории: (i) межрайонная система водоснабжения Вахшской группы, охватывающая шесть районов Южного Хатлона (Бохтар, Вахш, Балхи, Сарбанд, Дусти, Джайхун), а также систему водоснабжения Восейского района.

2. ЦЕЛЬ

Целью данного задания является обеспечение регулярного мониторинга эффективности проекта путем (i) разработки комплексной системы мониторинга и оценки проекта; (ii) обеспечения разработки надлежащих механизмов для регулярного мониторинга ключевых показателей результатов; (iii) разработка необходимых инструментов для оценки общего прогресса проекта в направлении целей развития Проекта.

3. КВАЛИФИКАЦИОННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ:

i. администрирования и общественных наук или в любой другой смежной области;

ii. не менее 3 лет соответствующего опыта работы с международными проектами и программами развития;

iii. опыт в разработке планов МиО для инфраструктурных проектов в сельской местности;

iv. базовое понимание теории изменений, практический опыт в разработке или проведении обследований, знание статистического анализа,

v. профессиональный опыт в области сельского развития, водоснабжения, ВСГ, инфраструктуры и т.д.

vi. хорошее знание таджикского и русского языков, знание английского языка является преимуществом;

vii. сильные письменные и коммуникативные навыки и хорошие навыки межличностного общения (умение взаимодействовать с многочисленными сотрудниками различных учреждений, реагировать на запросы заинтересованных сторон и поддерживать связь с ними);

viii. высокий уровень компьютерной грамотности, включая Word, Excel, Microsoft Project и т.п.

ix. владение знаний в области управления статистическими пакетами является преимуществом.

4. ЗАЯВИТЕЛИ ДОЛЖНЫ ПРЕДОСТАВИТЬ СЛЕДУЮЩИЕ ДОКУМЕНТЫ:

Подписанное и датированное заявление на русском, английском или таджикском языке на имя директора проекта г-на Саидвализода А. В теме заявления укажите должность, на которую претендует заявитель, и краткое обоснование его/ее квалификации для данной должности. Подписанное и датированное резюме на русском, английском или таджикском языке. Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию. Копия сертификата и рекомендаций, если таковые имеются.

Перейдите по ссылке чтобы найти подробное Техническое задание (ТЗ): **https://disk.yandex.ru/d/wQ3emfPnf-QN2Q** чтобы найти подробное Техническое задание (ТЗ).

Крайний срок подачи документов – 27 октября 2024 г.

Документы необходимо предоставить в бумажном виде или по электронной почте по следующему адресу: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н Карабаева 56, 4 этаж. Электронная почта: rwssp@midp.tj

На основании рассмотрения резюме, отобранные и вошедшие в шорт-лист кандидаты будут проинформированы о результатах в течение 10 рабочих дней после крайнего срока подачи заявок. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по указанным выше контактам с 09:00 до 16:00.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1582516, ки онро гимназияи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе соли 2023 ба Абдираҳмонов Билолҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҷуброни бартарафсозии хонаи истиқоматӣ, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 марти соли 2024 таҳти феҳрасти №4-1681 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Нисормуҳаммад, хонаи 10, ба Одинаев Раим Назарович ва ҶДММ «Бахт-З» додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №202528, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Айнӣ соли1994 ба Маҳкамов Ҷӯрабек Бегмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба Бурханов Умедҷон Турсунхоҷаевич (РМА 125105685) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А03985043, ки онро ШВКД дар шаҳри Кӯлоб 7 декабри соли 2021 ба Салоев Шоҳрӯз Сафарҳонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0030258, ки онро Муассисаи давлатии таълимии Литсейи №1-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Саидов Муҳаммаджон Рустамджонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49- и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ № 120- и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) соли 1988 ба Холбоева Саодат Тошпулодовна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2021 ба Шариф-Заде Меҳроб Маҳмадиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ГТ-1 №389741, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе бо ихтисоси «Кори мододоягӣ» таҳти қайди 9882 соли 1989 ба Турсунова Меҳрӣ Юлчибоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Маълумотномаи гумшудаи силсилаи ҶТ №0080749 бар ивази билети ҳарбӣ, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 12 октябри соли 2022 ба Ҳаитов Сорбон Қаҳҳорович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2021 ба Рачабов Шамшод Ибодуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А03678581, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 22 апрели соли 2021 ба Қурбоналиев Бахтиёр Қувваталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи автомашинаи «Хундай аксент», рақами қайди давлатиаш – 4454 ТТ05 ва шиносномаи техникии гумшудаи автомашинаи «ДЭУ Некси», рақами қайди давлатиаш – 9100 ВВ 01 марбут ба шаҳрванд Қурбоналиев Бахтиёр Қувваталиевич, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии гумшуда ва талони гумшудаи қайди қоидавайронкуниҳо, ки онҳоро ШБИ РБДА ВКД ҶТ, воқеъ дар маҳаллаи «Автодром»-и шаҳри Душанбе ба Қурбоналиев Бахтиёр Қувваталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатии №2549, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 4 феврали соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федин (ҳоло Асадулло Ғуломов), бинои 18 «А», хонаи 24 ба Авазова Турсуной Занжировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федин (ҳоло Асадулло Ғуломов), бинои 18 «А», хонаи 24, ба Авазова Турсуной Занжировна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ҶТ №0187333, ки онро Коллеҷи техникӣ соли 2024 таҳти қайди 1493 бо ихтисоси «Челонгар оид ба таъмири муҳаррикҳои автомобил» ба Юлдошев Баҳром Хуршедович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ № 0488397, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2008 ба Беназирова Нилуфар Беҳрузовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи таваллуд, ки онро бахши Сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳияи И. Сомонӣ (собиқ ноҳияи Октябр)-и шаҳри Душанбе таҳти № 2818 12-уми декабри соли 1975 ба Шохмардонов Алишер Шохимуродович дода шудааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи Г № 663725, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №1-и шаҳри Душанбе 20-уми октябри соли 1993 ба Шохмардонов Алишер Шохимуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №606223 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Файзобод соли 1991 ба Абдуллоева Дилоромхон Сайфуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро ҚДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 58, хонаи 103, ба Шарифов Мирзошариф Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, бинои 58, хонаи 103, ба Шарифов Мирзошариф Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 58, хонаи 103, ба Шарифов Мирзошариф Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 58, хонаи 103, ба Шарифов Мирзошариф Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии №29871, ки онро ҚДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 16 апрели соли 2024 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён ба Пирматов Ҳасан Исмоилович (РМА 125234451) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 90, хонаи 40, ба Якубов Тоҷидин Юсуфович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0428562, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2017 ба Умедаи Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро ҚДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Сарикиштӣ, ба Ханаков Давлат додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии хотирааш фискалии «ОКА 102Ф» таҳти №94274-и марбут ба соҳибкори инфиродӣ Шарипова Парвина (РМА 035120720) эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1709363, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №87-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2024 ба Худойдодова Индира Маҳмадаминовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 1252140, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №101-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2024 ба Додарбекзода Шодибек Ҷурабек додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А03219378, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 12 феврали соли 2020 ба Рахматов Фаридун Джамшедович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи азнавбақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 апрели соли 2024 таҳти рақами қайди ИҶ 1465 «А» ба Ташкилоти ҷамъиятии клуби футболбозони «Куктош»-и ноҳияи Рӯдакӣ додааст, эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Корхонаи дорои масъулияти маҳдуди «Дармон 1» (РЯМ 0410010059), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 29 июни соли 2010 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Кормандони рӯзномаи «Садои мардум» аз вафоти директори ҶДММ «Тоҷикматбуот»
ҶАЛИЛОВ МАҲКАМБОЙ ҲАКИМОВИЧ
андуҳгин буда, ба аҳли хонаводаи марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Конституция - қафолати ҳуқуқи ҳамаи давлатҳоро ва миллатҳо ва қишрҳо

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супориш) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Ба чопаш 10 октябри соли 2024, соати 16:00 иҷозат дода шуд.
Адади нашр 33070 нусха

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97